**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**«Дар бораи Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020»**

Мутобиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо дигар вазорату идораҳои дахлдор барои амалӣ намудани Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020 чораҳои зарурӣ андешад.

**Раиси**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

**аз 3 июни соли 2014, №371**
**ш. Душанбе**

**Бо қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 3 июни соли 2014,№371**
**тасдиқ шудааст**

## СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ РУШДИ МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2014-2020

### 1. Муқаддима

Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнӣ барои солҳои 2014-2020 (минбаъд–Стратегия) ҳолати кунунӣ ва рушди минбаъдаи низоми миллии моликияти зеҳнӣ, мақсад, вазифа ва чораҳои мушаххасро дар соҳаи мазкур, муайян менамояд.

Стратегияи мазкур барои таъмини татбиқи афзалиятҳои асосии сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ равона шуда, мақсадҳои оянда ва самтҳои сиёсати давлатӣ ва вазифаҳои дахлдори онро дар соҳаи моликияти зеҳнӣ муайян менамояд.

Стратегияи мазкур барои рушди эҷодиёт, ихтироъкорӣ, соҳибкорӣ ва устувории кишвар дар арсаи байналмилалӣ ба сифати шарики баробарҳуқуқ, таъсиси заминаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқӣ барои ҳамгироии нерӯи миллии зеҳнӣ ба нерӯи минтақавӣ ва байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Диққати махсус ба чораҳо оид ба рушди минбаъдаи низоми миллии моликияти зеҳнӣ дар самти таълим, тайёр намудани кадрҳо, инчунин иттилоотонии ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба нақши моликияти зеҳнӣ, ҳавасмандгардонӣ, ҳифзи дастовардҳои таҳқиқоти илмӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ дода мешавад.

Дар баробари дастовардҳои муайян, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор мушкилот дар соҳаи моликияти зеҳнӣ, дучор омада истодааст, аз ҷумла:

- истифодаи ғайрикофии натиҷаҳои эҷодиёти зеҳнӣ ва фаъолияти инноватсионӣ, ки асоси иқтисодиёти рақобатпазири дар заминаи донишҳо асос ёфтаро ташкил медиҳад;

- вайронкунии ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он ва гардиши молҳои қалбакӣ, ки ба бехатарии иқтисодиёти кишвар ва саломатии истеъмолкунандаи ватанӣ хатарнок буда, ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро вайрон мекунад;
- кӯшишҳои ғайрикофии соҳибони объектҳои моликияти зеҳнӣ дар ҳифзи ҳуқуқҳои худ, ки ба таври назаррас самаранокии истифодабарии чораҳоро оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ паст мегардонад;
- истифодабарии нокифояи объектҳои моликияти зеҳнӣ аз ҷониби корхонаҳои хурду миёна ба сифати усули рушди тиҷорати худ;
- шумораи зиёди ҳолатҳои рақобати бевиҷдонона;
- сатҳи пасти иттилоотонии табақаҳои гуногуни аҳолӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ;
- беамалии ташкилоти идоракунии дастаҷамъии ҳуқуқҳои амволӣ.

Зарурати таъмини ҳифз ва ҳимояи боэътимоди моликияти зеҳнӣ аз оқибати манфии сиёсӣ ва иқтисодии савдои маҳсулоти қалбакӣ барои кишварҳо, ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ва ҳам дар сатҳи миллӣ ба миён меояд, ки натиҷаҳои ниҳоии он дар ворид нашудани андозҳо ба буҷет, коста шудани саноати қонунӣ, суст ва паст гардидани раванди офаридани объектҳои моликияти зеҳнӣ ва ҷалби онҳо барои истифодабарӣ дар хоҷагӣ, ихтисоршавии ҷойҳои корӣ, паст шудани обрӯю нуфузи давлат, инчунин паст шудани сатҳи сармоягузорӣ аз ҷониби ширкатҳои хориҷӣ ва кишварҳо, чӣ ба соҳаҳои алоҳида ва чӣ ба иқтисодиёти миллӣ дар маҷмӯъ мебошад.

Умуман, ҳоло моликияти зеҳнӣ омили асосии рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар нагардидааст.

Айни замон, вазифаи таҳкими нақши давлат нисбат ба моликияти зеҳнӣ, ҳамчун сарчашмаи боигарии миллӣ, ки ба шахсони воқеӣ мансуб буда, ҳангоми ҷорӣ намудан ба гардиши иқтисодӣ, бевосита манфиатҳои миллиро таъмин менамояд, хеле муҳим мебошад.

Нақши давлат дар рушди фаъолияти инноватсионӣ танҳо аз дастгирии мустақим (маблағгузорӣ) иборат намебошад. Механизмҳои асосии танзими давлатӣ ин усулҳои ҳавасмандгардонии бозори маҳсулоти технологияҳои баланд, соҳибкории инноватсионӣ, фаъолгардонии азнавкунии фондҳои асосӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар саноат, ташкили инфрасохтори дастгирӣ, механизми молиявии амалигардонии сармояҳои венчурӣ ва бозори саҳомии ширкатҳои баландтехнологӣ мебошад.

Набудани ҳавасмандӣ барои ҳамкории боз ҳам зич байни ташкилотҳои давлатии илмӣ, саноат ва соҳибкорӣ бо мақсади мубодилаи дониш ҳоло низ ҳамчун мушкилӣ барои Тоҷикистон боқӣ мемонад. Ҳамкории бахши хусусӣ, саноат ва илм тавассутиислоҳоти қонунгузорӣ ва чорабиниҳое, ки барои фаъол шудани олимон ва ҳамкории байни муассисаҳои давлатӣ ва шахсӣ равона шудаанд, бояд дастгирӣ карда шавад.

Таҷрибаи кишварҳое, ки дар илм ва инноватсия ба комёбиҳои назаррас ноил шудаанд (ШМА, Исроил, Финляндия, Ҷопон, Сингапур, Ҷумҳурии Корея ва ғайра) нишон медиҳад, ки натанҳо сармоягузории давлатӣ, балки ҷалби сармояи хусусӣ ба инфрасохтори илмӣ ва таҳқиқоти заминавию таҷрибавӣ яке аз омилҳои муҳим дар ин самт гардидааст.

Дар баробари ин, вазифаҳои зерини давлатро дар ин самт бояд ҷудо намуд:

- ҳавасмандгардонии фаъолияти ихтироъкорӣ, суғуртакунонии таҳдидҳои инноватсионӣ, ҷорӣ намудани муҷозоти давлатӣ барои истеҳсоли маҳсулоти кӯҳнашуда;
- ташкили заминаи ҳуқуқии тиҷоратикунонии моликияти зеҳнӣ ва раванди инноватсионӣ;
- таъминоти кадрӣ;
- ташаккули инфрасохтори илмию инноватсионӣ.

Дар баробари ин, дастгирии давлатӣ дар соҳаи мазкур иборатанд аз:

- маблағгузории мустақим;
- додани қарзҳои бефоизи бонкӣ ба ихтироъкорони инфиродӣ ва муассисаҳои хурди татбиқкунанда;
- ташкил намудани фондҳои инноватсионии венчурие, ки аз имтиёзҳои назарраси андоз истифода мебаранд;
- амалигардонии ҳуқуқ барои тезонидани хурдашавии таҷҳизот;
- ташкили шабакаҳои технополисҳо, технопаркҳо ва ғайра.

Маблағгузории давлатӣ бояд ба дастгирии таҳқиқоти илмие равона карда шавад, ки барои Тоҷикистон аҳамияти аввалиндараҷа ва афзалиятнок дошта, бояд тавассути озмун бо дарназардошти натиҷаи ниҳоӣ интихоб карда шаванд.

Барои ноил гаштан ба натиҷаҳои воқеӣ ва муваффақият, ба ташкилотҳои илмию таҳқиқотӣ бо мақсади тиҷоратикунонии коркардҳои худ зарур аст аз дониш ва таҷрибаи давлатҳои пешрафта тавассути лоиҳаҳои муштарак истифода намоянд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, мақсади Стратегияи моликияти зеҳнӣ фароҳам овардани шароит барои рушди ҳимоя, ҳифз, идоракунӣ ва истифодаи иқтидори моликияти зеҳнӣ мебошад, ки ин дар навбати худ барои рушди иқтисодиёти рақобатпазири миллӣ, ки ба илм ва инноватсия асос мегирад, мусоидат менамояд.

Ҳангоми таҳияи Стратегияи мазкур ҳуҷҷатҳои дахлдор вобаста ба моликияти зеҳнӣ, аз ҷумла Дастурамали Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ (СУМЗ) оид ба таҳияи Стратегияҳои миллии моликияти зеҳнӣ барои кишварҳо бо иқтисодиёти гузариш, таҳлил ва ба назар гирифта шудаанд.

## 2. Мақсад ва вазифаҳои Стратегия

1. Мақсадҳои асосии Стратегия иборат мебошад:

-дар дурнамои кӯтоҳмӯҳлат ва миёнамӯҳлат (солҳои 2014-2016)  ба анҷом расонидани ташаккули низоми миллии моликияти зеҳнӣ, ки барои рушди иқтисодиёт, фарҳанг ва иҷтимоиёт мусоидат менамояд;

- дар дурнамои дарозмӯҳлат (солҳои 2017-2019) ҳамгироии низоми моликияти зеҳнӣ ба сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат ва дар ин замина баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Бо дарназардошти мақсадҳои кӯтоҳмӯҳлат, миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат дар доираи татбиқи Стратегия, ҳал намудани вазифаҳои асосии зерин зарур мебошад:

- такмили қонунгузорӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ;
- рушди инфрасохтор дар соҳаи моликияти зеҳнӣ;
- рушди самтҳои функсионалӣ дар соҳаи идоракунии моликияти зеҳнӣ (таъмини ҳифз, арзёбӣ ва ғайра);
- такмили кор дар соҳаи идоракунии моликияти зеҳнӣ дар сатҳи идоравӣ (соҳавӣ), дар муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ, ташкилотҳои эҷодӣ, тиҷоратӣ ва саноатӣ;
- рушди низоми маориф дар соҳаи моликияти зеҳнӣ дар ҳама сатҳҳо (ба истиснои ибтидоӣ), инчунин тайёр ва азнавтайёркунии кадрҳо;
- рушди брендинги миллӣ;
- рушди механизмҳои дастрасии ҷамъият ба дастовардҳои ҷаҳонии илм, адабиёт ва санъат бо мақсади таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ;
- такмил додани механизмҳои мубориза бо ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи моликияти зеҳнӣ, баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқии мардум дар соҳаи мазкур, инчунин ҷоннок намудани фаъолияти мақомоти дахлдор ба муқобили истеҳсол ва паҳнкунии ғайриқонунии молҳо ва вайронкунии ҳуқуқҳои муаллифӣ;
- рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва дутарафа дар соҳаи моликияти зеҳнӣ.

## 3. Вазъи кунунии моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

3. Иқтисодиёти бозоргониро бе низоми самарабахши ҳифзи моликияти зеҳнӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Бешубҳа гуфтан ҷоиз аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи ҳифзи моликияти зеҳнӣ аҳамияти ҷиддӣ медиҳад. Тасдиқи гуфтаҳои боло, муқаррароти моддаи 40 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар он омадааст: «Моликияти зеҳнӣ дар ҳимояи қонун аст».

4. Новобаста аз он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир ба нишондиҳандаҳои назаррас дар ин самт ноил гардидааст, то ҳол як қатор мушкилот вуҷуд доранд, ки ба рушд ва ҳамгироии минбаъдаи моликияти зеҳнӣ ба иқтисодиёти миллӣ монеа мегарданд.

5. Набудани ҳамоҳангсозӣ байни мақомоти дахлдори соҳа, дониш ва дарки нокофии қисми зиёди аҳолӣ вобаста ба соҳаи мазкур аз қабили чунин мушкилот ба ҳисоб меравад.

6. Яке аз омилҳои рушди соҳа пеш аз ҳама, ҳавасмандгардонии эҷодиёт, ихтироот, навоварӣ ва фаҳмондадиҳии моҳияти истифодабарии объектҳои моликияти зеҳнӣ дар байни гурӯҳҳои мухталифи аҳолӣ мебошад. Мутаассифона ин омили муҳим дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.

7. Масъалаи дигаре, ки диққати ҷиддиро талаб менамояд, ин миқдори зиёди молҳои қалбакӣ ва рақобати носолим дар бозорҳои кишвар мебошад.

8. Агар мушкилоти мазкур аз як тараф агар ба истеҳсолкунандагони ҳақиқӣ зарар орад, аз тарафи дигар рушди иқтисодиёти кишварро заиф мегардонад. Инчунин, омили мазкур барои ҷалби сармояи хориҷӣ таъсири манфӣ мерасонад.

9. Тиҷоратикунонии моликияти зеҳнӣ дар ҷумҳурӣ, хусусан дар  корхонаҳои хурду миёна ва муассисаҳои илмию тадқиқотӣ дар сатҳи паст қарор дорад.

10. Тибқи маълумоти мавҷуда, татбиқи натиҷаҳои бадастомада аз фаъолияти ихтироъкорӣ асосан дар самти дорусозӣ ва кимиё ба чашм мерасад, вале аз сабаби набудани механизми баҳогузории натиҷаҳои моликияти зеҳнӣ ва маълумоти оморӣ, дақиқ муайян намудани ҳаҷми тиҷоратикунонӣ ғайриимкон аст.

11. Дар самти воситаҳои фардикунонӣ бошад, сатҳи тиҷоратикунонӣ ғайриқаноатбахш аст. Сабаби ин, набудани механизми нархгузорӣ ва надонистани нақш ва моҳияти тамғаи молӣ ва дигар воситаҳои фардикунонӣ дар рушди тиҷорат мебошад.

12. Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии як қатор шартномаҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ, махсусан шартномаҳои зиёде, ки аз ҷониби Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ (СУМЗ) идора карда мешаванд, узви Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС), аз ҷумла Созишнома оид ба ҷанбаҳои тиҷоратии ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ (ТРИПС), узви Ташкилоти патентии Авруосиёӣ (ТПА) ва як қатор ташкилотҳои минтақавӣ дар соҳаи мазкур мебошад.

13. Моликияти зеҳнӣ объектҳои моликияти саноатӣ, ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, навъҳои нави растанӣ ва зоти ҳайвонотро дар бар мегирад.

14. Дар соҳаи моликияти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтироот, намунаҳои саноатӣ, тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ, ишораҳои ҷуғрофӣ, аз ҷумла номи ҷои пайдоиши мол, топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ ҳифз карда мешаванд. Ғайр аз ин, дар қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гурӯҳи объектҳо, моделҳои судманд ва номи фирмавӣ дохил карда шудааст.

15. Айни замон моделҳои судманд ба қайд гирифта намешаванд, чунки ин объект аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироот» хориҷ карда шуда, номи фирмавӣ бошад, бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ба танзим даровардa мешавад.

16. Аризадиҳандаи Тоҷикистон метавонанд ба ихтирооти худ ҳифзи ҳуқуқиро бо роҳи пешниҳоди ариза барои гирифтани патенти миллӣ ё нахустпатент, ё бо роҳи патенткунонии минтақавии Ташкилоти патентии Авруосиёӣ (ТПАО) ё ба воситаи Шартномаи байналмилалии ҳамкории патентӣ (PCT) ба даст оранд.

17. Патенткунонӣ дар сатҳи паст қарор дошта, тайи понздаҳ соли охир шумораи патентҳои додашуда, аз ҷумла нахустпатентҳо тақрибан 900 ададро ташкил дод. Фаъолнокии бештар дар соҳаҳои тиб, кимиё ва энергетика ба назар мерасад.

**Ҷадвали 1. Аризаҳои пешниҳодшуда барои гирифтани патент ба ихтироъ (аз рӯи соҳаҳо дар солҳои 2003-2013)**

| Соҳаҳо | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тиб | 13 | 13 | 19 | 10 | 10 | 8 | 5 | 2 | 4 | | 1 |
| Кишоварзӣ | 4 | 3 | 2 | | 1 | 2 | | 1 | | | |
| Кимиё | 2 | 2 | 2 | 6 | 8 | | 4 | 3 | | | 1 |
| Сохтмон | 3 | 3 | 1 | | 2 | 3 | | | 1 | | |
| Хӯрокворӣ | 2 | 1 | 3 | 1 | | | | | | | |
| Барқ | 2 | 1 | | 1 | | | | | | | |
| Бофандагӣ, пойафзол | 1 | 2 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | | | | |
| Механика | 2 | 3 | 4 | 1 | 1 | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | |
| Физика | | 1 | 4 | 2 | 1 | | 1 | 1 | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Металлургия | | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 2 | | | |
| Гармидиҳӣ | 1 | | 1 | 3 | 1 | 1 | | | | | 1 |
| Байторӣ | 6 | 4 | | | | 5 | | | | | |

**Ҷадвали 2. Аризаҳои пешниҳодшуда ба ихтироъ барои гирифтани нахустпатент аз рӯи соҳаҳо дар солҳои 2004–2013**

| Соҳаҳо | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тиб, бойторӣ | 2 | 10 | 11 | 50 | 99 | 25 | 40 | 40 | 21 | 33 |
| Кишоварзӣ | 3 | 12 | 4 | 22 | 32 | 2 | 15 | 16 | 7 | 7 |
| Химия | | | | 12 | 32 | 1 | 24 | 13 | 11 | 3 |
| Сохтмон | 3 | 3 | 2 | 4 | 15 | 1 | 6 | 10 | | 5 |
| Хӯрокворӣ | 2 | | 4 | 12 | 20 | 3 | 13 | 9 | 3 | |
| Энергетика (аз ҷумла, барқ, истеҳсоли газ, гармидиҳӣ) | 1 | 2 | | 4 | 13 | 1 | 12 | 8 | 2 | 7 |
| Бофандагӣ, пойафзол | | 2 | | 7 | 14 | 2 | | 2 | | |
| Механика | 2 | 3 | 1 | 9 | 39 | 11 | 19 | 42 | 1 | 3 |
| Физика | | 1 | 4 | 11 | 20 | 4 | 1 | 1 | | 2 |
| Металлургия | | | 1 | 5 | 3 | | | 1 | 6 | 7 |
| Реклама, фото, маҳсулоти нашрия | | | | 2 | 1 | | | | | |
| Корҳои кӯҳӣ | | | | - | 1 | | | | | |
| Чараёнҳои гуногуни технологӣ | | | | | | | | | | 2 |




**Расми 1. Шумораи қарорҳо оид ба додани патент дар солҳои 1993-2001**



**Расми 2. Шумораи қарорҳо оид ба додани патент дар солҳои 2002- 2013**

18. Чӣ тавре, ки аз маълумоти боло бармеояд, ихтироъкорони мо асосан барои гирифтани на патент, балки нахустпатент ҳавасманд мебошанд. Тибқи маълумоти овардашуда, Низоми патентии Авруосиёӣ ба таври ғайрикофӣ истифода мешавад. Дар баробари ин, шумораи патентҳое, ки шаҳрвандони дигар давлатҳо тавассути Идораи Патентии Авруосиёгӣ ба даст овардаанд ва дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи ҳуқуқиро доро мебошанд, дар охири соли 2013 зиёда аз 4500 ададро ташкил медиҳад.

19. Шумораи ариза ва ҳуҷҷатҳои ҳифозатии додашуда вобаста ба намунаҳои саноатӣ ва номи ҷойи пайдоиши мол ғайрикофӣ мебошад. Вале, баъд аз ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созишномаи Гаага оид ба бақайдгирии байналмилалии намунаҳои саноатӣ дар миёнаи соли 2012, шумораи аризаҳои байналмилалӣ дар охири соли 2013 зиёда аз 300 аризаро ташкил дод.

20. Вобаста ба тамғаҳои молӣ, аризадиҳандагони Тоҷикистон метавонанд ҳифзи ҳуқуқиро тавассути низоми миллӣ ва байналмилалӣ дар доираи Низоми Мадрид оиди бақайдгирии байналмилалии тамғаҳои молӣ ба даст оранд.



**Расми 3. Нишондиҳандаҳои оморӣ оид ба расмиёти миллии бақайдгирии тамғаҳои молӣ аз соли 1993 то 2001**




**Расми 4. Нишондиҳандаҳои оморӣ оид ба расмиёти миллии бақайдгирии тамғаҳои молӣ дар солҳои 2002 – 2013**

21. Чӣ тавре, ки аз маълумоти овардашуда бармеояд, дар ин давра ҳамагӣ 12 893 дархост ворид гаштааст, ки аз он 2338 дархост аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 555 дархост аз аризадиҳандагони беш аз 80 давлати дурру наздик мебошад. Сабаб метавонад дар саъю кӯшиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, тайи солҳои охир, вобаста ба ҳамроҳшавӣ ба Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) ва ба дигар созишномаҳои соҳавии байналмилалӣ бошад, ки дар натиҷаи он таъмини ҳифзи ҳуқуқӣ ва расмиёти бақайдгирии моликияти зеҳнӣ устувор ва сода гардонида мешавад. Шумораи аризадиҳандагони миллӣ бошад то ҳол кам мебошад.

22. Сабаби асосии чунин вазъият дар набудани ҳавасмандӣ ва дарки зарурати ба даст овардани ҳифзи ҳуқуқӣ ба тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ, ҳамчун объектҳои моликияти зеҳнӣ, аз ҷониби соҳибкорон ва истеҳсолкунандагони ватанӣ мебошад.




**Расми 5. Нишондиҳандаҳои оморӣ оид ба расмиёти байналмилалии бақайдгирии тамғаҳои молӣ дар солҳои 1994 – 2001**



**Расми 6. Нишондиҳандаҳои оморӣ оид ба расмиёти байналмилалии бақайдгирии тамғаҳои молӣ дар солҳои 2002 - 2013**

23. Аз рӯи ақидаи коршиносон, пас аз ҳамроҳшавии Ҷумҳурӣ ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, бо дарназардошти рушди савдои байналмилалӣ, эҳтимол меравад, ки шумораи дархостҳо аз рӯи Низоми Мадрид зиёд мегардад.

24. Истифодаи низоми мазкур аз ҷониби истеҳсолкунандагони ватанӣ асосан аз иқтидори содиротии онҳо вобастагӣ дорад. Бо дарназардошти рушди соҳибкорӣ, махсусан истеҳсолот, зарур аст, ки соҳибкорони ватанӣ аз низоми мазкур барои ҳифзи тамғаҳои молии худ дар давлатҳои аъзои низоми мазкур, ки эҳтимолияти содироти молҳои онҳо ба ин давлатҳо вуҷуд дорад, истифода баранд.

25. Яке аз мушкилоти воқеии соҳаи мазкур ин воридшавии маҳсулоти қалбакӣ буда, назорати гардиши молҳо ба воситаи сарҳад унсури муҳими пешгирии амалҳои ҳуқуқвайронкунӣ дар ин самт мебошад.

26. Вазифаи мазкур ба зиммаи Хадамоти гумрук вогузор карда шудааст. Хадамоти гумрук феҳристи миллии объектҳои моликияти зеҳнии гумрукро пеш мебарад. Барои ворид намудани тамғаи молӣ ё дигар объекти моликияти зеҳнӣ ба феҳристи миллӣ, ба соҳибҳуқуқ ё шахси дигаре, ки манфиати ӯро намояндагӣ мекунад, зарур меояд, ки ба Хадамоти гумрук ариза оид ба андешидани чораҳо вобаста ба ҳимояи ҳуқуқҳои худ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ пешниҳод намояд.

27. Аммо, тибқи маълумоти Хадамоти гумрук, ширкатҳо феҳристи дахлдорро, ки ба он метавонанд маълумоти маҳсулоти худро бо мақсади пешгирӣ намудани воридоти маҳсулоти қалбакӣ ворид намоянд, истифода намебаранд. Сабаби асосӣ ин набудани иттилоот оид ба ин гуна хизматрасонӣ ва рақобатпазир набудани қисми зиёди маҳсулоти ватанӣ мебошад. Феҳристи мазкур инчунин метавонад аз тарафи ширкатҳои хориҷӣ барои ҳифзи маҳсулоти худ аз воридоти маҳсулоти қалбакӣ истифода бурда шавад.

28. Узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони умумиҷаҳонии савдо талаботро вобаста ба чораҳое, ки аз ҷониби Хадамоти гумрук дар сарҳад андешида мешаванд, пурзӯр мегардонад.

29. Сол то сол гардиши молҳои қалбакӣ ва қочоқ зиёд мегардад ва соҳибҳуқуқон наметавонанд мустақилона бо ин мушкилот мубориза баранд. Бинобар ин, раванди ҳимояи моликияти зеҳнӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вогузор карда шудааст.

**Ҷадвали 3. Нишондиҳандаҳои оморӣ оид ба ошкор ва бақайдгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ дар солҳои 2006 – 2012**

| | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Моддаи 156 (вайрон кардани ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он) | | 1 | 2 | | | 1 | 7 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Моддаи 275 (истифодаи ғайриқонунии воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни аҳдҳои гражданӣ, молҳо, корҳо ва хизматрасонӣ) | | | | 4 | 1 | 2 | 1 |
| Моддаи 294 (фиреби истеъмол кунандагон) | | 1 | 3 | 12 | 17 | 271 | 289 |
| Моддаи 298 (ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ) | | | | | 1 | 1 | - |
| Моддаи 299 (тағйир додани иттилооти компютерӣ) | | | | | 2 | 2 | - |
| Моддаи 304 (вайрон кардани қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи компютерӣ) | | | | | | 1 | 1 |
| Ҳамагӣ | | 2 | 5 | 16 | 21 | 278 | 298 |

30. Чӣ тавре, ки аз маълумоти боло бармеояд, бинобар набудани даъво аз тарафи истеҳсолкунандагони хориҷӣ ба шӯъбаи мубориза ба муқобили ҷиноятҳо дар соҳаи моликияти зеҳнии Раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккил, мақомоти тафтишотӣ асосан парвандаҳои ҷиноятиро танҳо аз рӯи моддаи 294 (фиреби истеъмолкунандагон) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз мекунанд.

31. Дар ҳолати пешниҳоди даъво ва ҳамкории зич аз тарафи соҳибони объектҳои моликияти зеҳнӣ, парвандаҳо метавонанд аз рӯи дигар моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне моддаҳои 156 (вайрон кардани ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он) ва 275 (истифодаи ғайриқонунии фардикунонии иштирокчиёни аҳдҳои гражданӣ, молҳо, корҳо ва хизматрасонӣ тамғаҳои молӣ) баррасӣ карда шаванд.

32. Ҳифзи ҳуқуқии объектҳои моликияти зеҳнӣ тибқи меъёрҳои қонунгузории миллӣ, инчунин меъёрҳои шартномаҳои байналмилалӣ амалӣ мегардад.

## 4. Заминаи ҳуқуқӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ

### § 1 Санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ

1. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми сеюм);
3. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон;
4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон;
5. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
6. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он»;
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намунаҳои саноатӣ»;
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ»;
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқии топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ»;

11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ»;
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ»;
13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтирооти махфӣ»;
14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи навъҳои растанӣ»;
15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол»;
16. Қарори Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 январи соли 2011, №268 «Дар хусуси тасдиқи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Протоколи Созишномаи Мадрид дар бораи бақайдгирии байналмилалии тамғаҳо»;
17. Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 1993, № 242 «Дар бораи таъсиси Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
18. қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 феврали соли 2000, №38 «Дар бораи тасдиқи Созишнома дар хусуси тадбирҳои огоҳкунӣ ва пешгирии истифодаи тамғаҳои қалбакии мол ва аломатҳои ҷуғрофӣ»;
19. қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри 1998, №536 «Дар бораи тасдиқи Созишномаи ҳамкорӣ оид ба пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ»;
20. қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2011, №329 «Дар хусуси тасдиқи Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқ ва ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва таъсиси Шӯрои байнидавлатӣ оид ба масъалаҳои ҳимояи ҳуқуқ ва ҳифзи моликияти зеҳнӣ»;
21. қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели 2002,№185 «Дар хусуси тасдиқи Қарор дар бораи Қоидаҳои назорати гумрукии интиқоли молҳои дорои объектҳои моликияти зеҳнӣ ба воситаи сарҳади гумрукӣ»;
22. қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2005, №514 «Дар бораи таъсиси Комиссияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолият дар мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ»;
23. қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июли соли 2000, №303 «Дар бораи тасдиқи Созишнома доир ба таъмини мутақобилан нигоҳдории сирри байнидавлатии дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқии ихтироъҳо»;
24. қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2007, №94 «Дар хусуси тасдиқ намудани Қарори Шӯрои сарони ҳукуматҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи Консепсияи ташаккули маъхазҳои иттилоотии миллӣ ва ташкили мубодилаи байнидавлатии иттилоот оид ба огоҳ кардан ва пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ»;
25. қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 октябри соли 2011, №497 «Дар бораи тасдиқи Андозаҳои пардохтҳои корбарӣ, ки аз ҷониби Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешаванд»;
26. қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2007, №546 «Дар бораи тасдиқ намудани меъёрҳои хироҷҳо барои анҷом додани амалҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим ва пардохтҳо барои додани иҷозат оид ба истифодаи захираҳои табиӣ ё дигар захираҳои мавҷуда»;
27. қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2006, №351 «Дар бораи андозаҳои ҳадди ақали ҳаққи қалами муаллиф барои нашри асарҳои илм, адабиёт, санъат ва иҷрои фармоишҳо барои офаридани асарҳои драмавӣ, мусиқӣ, мусиқию драмавӣ ва адабӣ барои иҷрои оммавӣ ё барои ҳуқуқи иҷрои нахустини оммавии асарҳои интишорнаёфта;
28. қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 1999, №252 «Дар бораи андозаҳои ҳадди ақали қалами муаллиф барои иҷрои оммавии асарҳои адабиёт ва санъат, таҷдиди асарҳо дар шакли сабти овози (механикӣ), паҳнкунии нусхаҳои сабтҳои овозӣ ва асарҳои аудиовизуалӣ, ҳамчунин аз нав офаридани асарҳои санъати тасвирӣ ва истеҳсоли саноатии асарҳои санъати ороишӣ;
29. қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 феврали соли 2002, №37 “Дар бораи андозаҳои ҳадди ақали ҳаққи қалами муаллиф барои корҳои нигоришӣ-бадеӣ ва аксбардорӣ дар матбуот”;
30. қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 1999, №250 «Дар бораи муқаррар кардани иловапулӣ ба маоши шахсони дорандаи унвони илмӣ ва ҷудо намудани маблағ барои баланд бардоштани андозаи ҳадди ақали подоши хизматии эҷодкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон».

**§ 2. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон дар соҳаи моликияти зеҳнӣ эътироф намудааст**

1. Конвенсияи Париж дар бораи ҳифзи моликияти саноатӣ (аз 20 марти соли 1883);
2. Конвенсияи таъсиси Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ (аз 14 июли соли 1967);
3. Созишнома оид ба ҷанбаҳои тиҷоратии ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ (ТРИПС) (соли 1994);
4. Созишномаи Мадрид дар бораи бақайдгирии байналмилалии тамғаҳо (аз 14 апрели соли 1891);
5. Протокол ба Созишномаи Мадрид дар бораи бақайдгирии байналмилалии тамғаҳо (аз 28 июни соли 1989);
6. Созишномаи Нис дар бораи таснифи байналмилалии молу хизматҳо барои бақайдгирии тамғаҳо (аз 15 июни соли 1957);
7. Созишномаи Локарн дар бораи таъсис додани таснифи байналмилалии намунаҳои саноатӣ (аз 8 октябри соли 1968);
8. Шартнома «Дар бораи ҳамкориҳои патентӣ PCT (аз 19 июни соли 1970);
9. Созишномаи Страсбург оид ба таснифи байналмилалии патентӣ (аз 24 марти соли 1971);
10. Шартномаи Будапешт дар бораи эътирофи байналмилалии маҳфуздории микроорганизмҳо бо мақсади расмиёти патентӣ (аз 28 апрели соли 1977);
11. Шартномаи Найроб дар бораи ҳифзи рамзи олимпӣ (аз 26 сентябри соли 1981);
12. Санади Женевагии Созишномаи Гаага дар бораи бақайдгирии байналмилалии намунаҳои саноатӣ (аз 2 июли соли 1999);
13. Конвенсияи патентии Авруосиёӣ (аз 9 сентябри соли 1994);
14. Конвенсияи Берн оид ба ҳифзи асарҳои адабӣ ва бадеӣ (аз 9 сентябри соли 1886);
15. Конвенсияи умумиҷаҳонӣ дар бораи ҳуқуқи муаллиф (аз 24 июли соли 1971);
16. Конвенсия оид ба ҳимояи манфиатҳои истеҳсолкунандагони фонограммаҳо аз истифодаи ғайриқонунии фонограммаҳои онҳо (аз 29 октябри соли 1971);
17. Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи манфиатҳои сароядагон- иҷрокунандагон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо ва ташкилоти пахшкунанда (аз 14 июли соли 1967);
18. Шартнома доир ба ҳамкориҳо дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он (аз 24 сентябри соли 1993);
19. Аҳдномаи Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ оид ба ҳуқуқи муаллиф (аз 20 декабри соли 1996);
20. Аҳдномаи Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ оид ба иҷро ва фонограммаҳо (аз 20 декабри соли 1996);
21. Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи навъҳои нави растанӣ (аз 2 декабри соли 1961).

**§ 3. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ)**

Созишнома дар бораи чорабиниҳо оид ба ҳифзи моликияти саноатӣ ва таъсиси Шӯрои байнидавлатӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи моликияти саноатӣ (аз 12 марти соли 1993);

1. Регламенти Шӯрои байнидавлатӣ «Оид ба масъалаҳои ҳифзи моликияти саноатӣ»;
2. Созишномаи ҳамкорӣ «Оид ба пешгӯӣ ва пешгирии истифодабарии тамғаҳои молӣ ва ишораҳои ҷуғрофии қалбакӣ» (аз 4 июни соли 1999);
3. Созишнома «Оид ба ҳамкориҳо доир ба мубориза ба хуқуқвайронкунӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ (аз 6 марти соли 1998);
4. Созишнома «Дар бораи нашри якҷояи маҳсулоти патентию иттилоотӣ дар дискҳои оптикии CD-ROM) (аз 22 майи соли 2001);
5. Қарор «Оид ба тартиби назорати гумрукии молҳои аз сарҳади гумрукӣ таҳвилшаванда, ки объекти моликияти зеҳнӣ доранд»;
6. Созишнома «Доир ба таъмини мутақобилан нигоҳдории сирри байнидавлатӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқии ихтироъҳо» (аз 04 июни соли 1999);
7. Созишнома «Оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» (аз 14 сентябри соли 1993);
8. Созишнома «Дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқ ва ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва таъсиси Шӯрои байнидавлатӣ оид ба масъалаҳои ҳимояи ҳуқуқ ва ҳифзи моликияти зеҳнӣ» (аз 19 ноябри соли 2010);

9. Созишнома «Оид ба ҳамкорӣ ҷиҳати таъсиси мубодилаи байнидавлатии иттилоот ва ташкили манбаъи маълумоти миллии ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» (аз 29 сентябри соли 2010).
10.

**5. Ҳамкориҳои байналмилалӣ**

33. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ ҳамкории зич дорад, аз ҷумла:

а) Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ (минбаъд-СУМЗ). СУМЗ дар рушд ва истифодабарии системаи байналмилалии моликияти зеҳнӣ мусоидат менамояд, аз ҷумла:

- идора кардани низомҳое, ки расмиёти ба даст овардани ҳифзи ҳуқуқиро ба патентҳо (ихтироот), тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ, намунаҳои саноатӣ ва номи макони пайдоиши мол сода менамояд;
- рушди заминаи ҳуқуқӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ, аз ҷумла коркарди стандартҳои байналмилалии ҳуқуқӣ барои ҳифзи объектҳои нави моликияти зеҳнӣ;
- ташкил намудани курсҳои омӯзишӣ барои гурӯҳҳои мухталифи касбӣ ва донишгоҳҳо;
- мусоидат намудан дар фаъолияти эҷодӣ ва ихтироъкорӣ (медалҳои тилло, мукофотҳо ба муаллифон ва корхонаҳо);
- ташкили марказҳои дастгирии навовариҳо;
- ташкили системаҳои автоматикунонидашуда барои идораҳои моликияти саноатӣ.

б) Ташкилоти патентии Авруосиёӣ (минбаъд-ТПАО) ба Идораи патентии Тоҷикистон дастрасии озодро ба Системаи патентию иттилоотии Авруосиёӣ пешниҳод менамояд.

Ба воситаи Низоми патентии Авруосиёӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд, барои ихтирооти худ дар мамлакатҳои аъзои низоми мазкур ҳифзи ҳуқуқӣ ба даст оранд. Ҳамзамон, шаҳрвандони мамлакатҳои дигар ба воситаи ин низом барои ихтирооти худ метавонанд дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи ҳуқуқӣ гиранд.

Ҳамкориҳои Муассисаи давлатии “Маркази миллии патенту иттилоот” – и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Идораи патентӣ) бо Ташкилоти патентии Авруосиёӣ инчунин дар самтҳои зерин амалӣ мегардад:

- рушди Системаи минтақавии патентию иттилоотии Авруосиёӣ;
- омӯзиши масъалаҳои истифодабарии ин система дар ҳуҷҷатҳои миллии патентӣ ва имконияти ҳамгироии системаҳои миллии автоматикунонидашудаи системаҳои коргузорӣ аз рӯи аризаҳо бо системаи мазкур.

в) Идораи патентӣ бо Пажӯҳишгоҳи федералии моликияти саноатӣ (ФИПС), ки сохтори Роспатент ба ҳисоб меравад, ҳамкории зич дорад. Аз соли 2001 байни Роспатент ва Идораи патентӣ Шартнома оид ба ҳамкории дуҷониба дар соҳаи моликияти зеҳнӣ амал мекунад.

г) Ғайр аз ин, Идораи патентӣ бо дигар Идораҳои патентии кишварҳои собиқ Шӯравӣ робитаҳои зич дорад.

д) Инчунин, ҳамкории Идораи патентӣ бо идораҳои патентии Ҷумҳурии Куриёи Ҷанубӣ, Туркия ва Ҷумҳурии Халқии Хитой рушд меёбад. Бо мақсади рушди ҳамкорӣ байни Идораҳои патентии Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Тоҷикистон ёддошти тафоҳуми дахлдор ба имзо расид.

е) Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таҳкими ҳамкориҳо дар соҳаи ҳуқуқи муаллиф бо идораҳои дахлдори Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон шартнома ва созишномаҳои дуҷониба ба имзо расонид.

**6. Инфрасохтори моликияти зеҳнӣ ва рушди он**

34. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбурд ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ ба зиммаи мақомоти зерин вогузор карда шудааст:

а) Комиссия оид ба ҳамоҳангсозии фаъолият дар мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ.

Дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссия оид ба ҳамоҳангсозии фаъолият дар мубориза бо ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи моликияти зеҳнӣ амал мекунад. Комиссия фаъолияти худро тибқи нақшаи кории солона ба роҳ мондааст. Ба Комиссия намояндагон аз вазорату идораҳои ба соҳаи моликияти зеҳнӣ дахлдор шомил мебошанд.

б) Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми марказии ҳокимияти иҷроия буда, дар таҳияи сиёсати давлатии рушди тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии мамлакат иштирок намуда, вазифаҳоро оид ба таҳияву татбиқи сиёсати давлатӣ ва ба танзим даровардани меъёрҳои ҳуқуқӣ дар бахши таҳлил ва таҳияи консепсияҳо, стратегияҳои кӯтоҳмӯҳлат, миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат, барномаҳо ва дурнамои рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, савдо, рушди иқтисодии минтақаҳо, патентҳо ва ташаккули захираҳои иттилоотӣ, инчунин ҳамоҳангсозии масъалаҳои гузаронидани мониторинг, баҳодиҳии татбиқи Стратегияи миллии рушд, барномаи давлатии сармоягузорӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ иҷро менамояд.

Вазорат дар маҷмӯъ дар доираи вазифа ва ваколатҳои худ ҷиҳати рушд ва баланд бардоштани нишондиҳандаҳои иқтисодиёти миллӣ масъул мебошад.

Бояд қайд намуд, ки моликияти зеҳнӣ яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодиёт мебошад ва дар навбати худ рушди иқтисодиёт метавонад ба рушди моликияти зеҳнӣ мусоидат намояд. Аз ин рӯ, нақши Вазоратро дар татбиқи Стратегия муҳим арзёбӣ кардан лозим аст.

в) Идораи патентӣ - Муассисаи давлатии “Маркази миллии патенту иттилоот”-и Вазорати рушди иқтисод ва савдо.

Дар соҳаи моликияти саноатӣ Муассисаи давлатии “Маркази миллии патенту иттилоот”-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошад.

Вазифаҳои асосии Идораи патентӣ ин ҳифзи манфиатҳои давлатӣ дар соҳаи ихтироот, намунаҳои саноатӣ, тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ ва дигар объектҳои моликияти саноатӣ дар дохили кишвар ва берун аз он, ҳамоҳангсозии фаъолияти ихтироъкорӣ дар Тоҷикистон мебошанд.

Дар сохтори Идораи мазкур Шӯрои шикоятӣ амал мекунад, ки баҳсҳои дар соҳаи объектҳои моликияти саноатӣ бавуҷудомадаро баррасӣ намуда, қарорҳои дахлдор мебарорад. Шӯрои шикоятӣ мақоми тосудии баррасикунандаи баҳсҳо ба ҳисоб меравад.

Институти намояндаҳои патентӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ унсури ҷудонашавандаи ҳамаи системаҳои миллии моликияти зеҳнӣ мебошад, ки тавассути он, тибқи муқаррароти моддаи 2 Конвенсияи Париж, намояндаи патентӣ дар Идораҳои миллӣ манфиатҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро намояндагӣ мекунад. Айни замон, дар ҷумҳурӣ 14 намояндаи патентӣ фаъолият менамоянд. Шумораи мазкур, бо дарназардошти рушди соҳа, кифоя нест. Вобаста ба ин, тарғиби касбии намояндаи патентӣ ва зиёдшавии миқдори онҳо зарур аст.

г) Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар доираи салоҳияти худ, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаҳоро оид ба татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи фарҳанг, санъат, фароғати маданӣ, матбуот, табъу нашр, ҳифзу тармим ва истифодабарии ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, ҳимояи ҳуқуқи муаллиф, назорати риояи ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро амалӣ менамояд.

Ҳифзи ҳуқуқи муаллиф яке аз ваколатҳои асосии Вазорати фарҳанг мебошад ва он дар Низомномаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтааст.

Дар сохтори Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28 декабри соли 2006, №604 Шӯъбаи ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста фаъолият мекунад.

Шӯъбаи ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои ба он вобаста, тибқи Низомномаи Вазорати фарҳанг, ҷамъ овардан, тақсим ва пардохти ҳаққи қалами муаллифони ватанӣ ва хориҷиро то таъсис додани идораҳои дастҷамъии ҳуқуқҳои амволии муаллифон ба роҳ мемонад.

д) Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳифзи дастовардҳои селексионӣ ба зиммаи Вазорати кишоварзӣ вогузор карда шудааст. Дар сохтори Вазорат, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2008, №191 Муассисаи давлатии “Комиссияи давлатии озмоиши навъи зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъҳо” таъсис дода шуд. Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 2 июни соли 2011, №281, Комиссияи мазкур мақоми давлатии салоҳиятдор доир ба санҷиш, бақайдгирӣ ва ҳифзи навъҳои растаниҳо муайян карда шудааст.

Вазорат, дар ҳамоҳангсозӣ бо Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, ҷиҳати парвариши навъҳои нави зироатҳои кишоварзӣ ва ҳифзи онҳо, инчунин ҷиҳати парвариши зотҳои ҳайвоноти сермаҳсул чораҳои заруриро меандешад.

е) Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Яке аз самтҳои муҳим барои Вазорати корҳои дохилӣ таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ мебошад. Дар сохтори он Раёсати мубориза бо ҷиноятҳои муташаккил амал мекунад, ки яке аз шӯъбаҳои он Шӯъбаи мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи моликияти зеҳнӣ мебошад.

Шӯъбаи мазкур дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор, дастуру низомномаҳои Вазорати мазкур оид ба пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноятҳо дар соҳаи ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, ҳуқуқҳои соҳибони объектҳои моликияти саноатӣ, аз ҷумла ихтироот, намунаҳои саноатӣ, тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ, ишораҳои ҷуғрофӣ ва топологияи микросхемаҳои интегралӣ ва ғайра амал мекунад.

ё) Академияи илмҳоиҶумҳурии Тоҷикистон.

Академияи илмҳо муассисаи олии худидоракунандаи давлатии илмӣ мебошад, ки гузаронидан, инкишоф ва ҳамоҳангсозии тадқиқоти бунёдӣ ва амалӣ, таҳия ва татбиқи коркардҳои илмӣ ва лоиҳаҳои инноватсионӣ, омӯзиши масъалаҳои муҳими рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи дастовардҳои илмиро таъмин менамояд; нуфузи илмро дар рушди маориф ва фарҳанг, омодасозии кадрҳои баландихтисоси илмӣ тақвият мебахшад.

ж) Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, татбиқи сиёсати давлат ва батанзимдарории меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаҳои меъёрэҷодкунӣ, ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон, тарғибу ташвиқи ҳуқуқӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, экспертизаи судӣ ва криминалистӣ, дигар соҳаҳои адлияе, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд, таъмин менамояд.

Қайд кардан зарур аст, ки рушд ва такмили қонунгузорӣ асоси рушди соҳаи мазкур мебошад. Бинобар ин, бо дарназардошти вазифаҳо ва ваколатҳо, нақши Вазорат дар татбиқи Стратегия муҳим аст.

з) Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Яке аз масъалаҳои асосии соҳаи ҳифзи объектҳои моликияти зеҳнӣ баррассии баҳсҳо ва эътирозҳои соҳибҳуқуқони объектҳои моликияти зеҳнӣ дар вақти бақайдгирӣ, ҳангоми вайронкунии ҳуқуқҳои онҳо ва рақобати бевиҷдонона дар бозор ба ҳисоб меравад. Тибқи қонунгузорӣ, чунин баҳсҳо аз ҷониби судҳо (асосан судҳои иқтисодӣ) баррасӣ карда мешаванд. Сифати баррасии парвандаҳо аз таҷриба ва донишу малакаҳои судяҳо вобастагии калон дорад.

Бинобар ин, Шӯрои адлияро, ки ҳамоҳангсози фаъолияти судҳо мебошад, зарур аст, ки фаъолияти судҳо, махсусан судҳои иқтисодиро, дар самти соҳаи моликияти зеҳнӣ ҷоннок намояд ва омӯзиши онҳоро дар курсҳои соҳаи моликияти зеҳнӣ таъмин намояд.

и) Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Вазорати молия, ҳамчун мақоми марказии ҳокимияти иҷроия дар соҳаи молия, маблағгузории корҳои илмию тадқиқотиро дар доираи маблағҳои барои ин мақсад пешбинишуда таъмин менамояд.

к) Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм буда, сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф ва дастовардҳои илмӣ, техникӣ, технологӣ, инноватсионӣ ва фарҳангӣ дар муассисаҳои таълимӣ ҷорӣ менамояд.

Вазорат ҳамоҳангсозӣ ва назорати муассисаҳои таълимиро бевосита ва ба воситаи мақомоти маҳаллӣ дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо амалӣ мегардонад.

л) Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Вазорати саноат ва технологияи нав дар доираи вазифаҳо ва имкониятҳои худ метавонад барои пешрафт ва рушди корҳои илмию тадқиқотӣ, ки яке аз заминаҳои ихтироъкорӣ ва навоварӣ, инноватсияҳо мебошанд, саҳми арзанда гузорад ва инчунин натиҷаҳои фаъолияти ихтироъкорҳои ватаниро бо мақсади такмил додани технологияҳои истеҳсолӣ истифода барад.

Ҳифзи ҳуқуқӣ ва истифодабарии махсуси объектҳои моликияти зеҳнӣ дар шароити имрӯза омилҳои асосии самаранокии истеҳсолот ва таъмини рақобатпазирии маҳсулот мебошанд.

м) Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми марказии ҳокимияти иҷроия дар соҳаи тандурустӣ буда, сиёсати ягонаи давлатиро дар соҳаи зикргардида амалӣ менамояд ва фаъолияти тиббӣ ва дорусозиро ба танзим медарорад.

Вазоратро зарур аст, ки дар доираи вазифаҳо ва ваколатҳои худ дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо, оид ба амалигардонии Стратегияи мазкур ва ҳифзи моликияти зеҳнӣ чораҳо андешида, дар амал татбиқшавии ихтироот мусоидат намояд. Ҳамзамон, Вазорат бо мақсади рушди корҳои илмию тадқиқотӣ ва фароҳам овардани заминаи мусоид барои ихтироъкорӣ ва инноватсияҳо, вазифадор аст, ҳамкориро бо идораҳои илмию таълимӣ, тиббӣ ва дорусозии ватанӣ ва хориҷӣ мустаҳкам намояд.

н) Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ мақоми марказии ҳокимияти иҷроия буда, вазифаҳоро доир ба ҷалбкунии маблағгузориҳо, дастгирии соҳибкорӣ ва баҳодиҳии молу амвол иҷро менамояд.

о) Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Яке аз вазифаҳои асосии Хадамоти мазкур ин пешгирии воридоти молҳои қалбакӣ ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё содироти онҳо ба давлатҳои дигар мебошад.

Савдо бо чунин маҳсулот ба соҳибмулкон зарар оварда, омилҳои рақобати ғайрисолимро ба вуҷуд меорад ва барои бехатарии иқтисодии кишвар ва саломатии истеъмолкунандагони ватанӣ зарари калон мерасонад.

Хадамоти гумрук барои қатъи воридоти моли қалбакӣ дар асоси аризаи шахсии соҳиби ҳуқуқҳои истисноӣ (моликияти зеҳнӣ) ба объекти ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, ба ихтироот, ба намунаи саноатӣ, ба тамғаи молӣ ва номи макони истеҳсоли мол, бо тартиби муқарраршуда чораҳои дахлдор меандешад. Чораҳои пешбинишуда ҳангоми гузаронидани мол аз сарҳади гумрукӣ ё ҳангоми иҷрои амалҳои дигар бо моле, ки таҳти назорати гумрукӣ қарор дорад, истифода бурда мешаванд.

п) Мақоми зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Хадамот) мақоми ваколатдори ҳокимияти иҷроия буда, сиёсати ягонаи давлатиро дар соҳаи ҳимоя ва рушди рақобат, пешгирӣ, маҳдудкунӣ, қатъ намудани фаъолияти инҳисорӣ, танзими давлатӣ ва назорат дар соҳаи фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ амалӣ менамояд.

Қайд намудан зарур аст, ки яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи Хадамот, тибқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол", фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои ҳамаи иштироккунандагони бозор, бартарафкунии амалҳои рақобати бевиҷдонона, аз ҷумла роҳ надодан ба истифодабарии худсаронаи тамғаҳои молӣ, номгӯи фирмавӣ ё тамғазаниҳо, инчунин нусхабардории борбандӣ ва намуди моли субъекти дигари хоҷагӣ мебошад.

Моликияти зеҳнӣ унсури ивазнашавандаи иқтисодиёти бозоргонӣ аст, ки рушди он дар рақобати солим асос ёфтааст. Рушди рақобати солим ба зиммаи мақомоти зиддиинҳисорӣ гузошта шудааст.

р) Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Тоҷикстандарт)

Қайд кардан зарур аст, ки Мақоми давлатии "Тоҷикстандарт" дар мубориза бар зидди гардиши маҳсулоти қалбакӣ нақши муҳимро мебозад. Вазифаҳои оинномавии (вазифавии) мақоми мазкур имкон медиҳад, ки дар баъзе мавридҳо ғайриқонунӣ истифодабарии тамғаҳои молӣ дар ин ё он маҳсулот ошкор карда шавад.

Механизми мазкурро мусбӣ арзёбӣ намуда, дар доираи татбиқи Стратегия такмил додани он ва фаъолияти Агентии "Тоҷикстандарт"-ро бо муассисаҳои дигар, хусусан бо Идораи патентӣ, Раёсати мубориза бо ҷиноятҳои муташаккил ва Мақоми давлатии зиддиинҳисорӣ ҳамоҳангсоз сохтан зарур аст.

с) Палатаи савдо ва саноат.

Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ПСС Ҷумҳурии Тоҷикистон) ташкилоти ғайридавлатӣ ва ғайритиҷоратӣ мебошад, ки аъзои Палатаро аз ҳисоби корхонаҳои ватанӣ, хориҷӣ ва корхонаҳои муштарак, инчунин иттиҳодияҳо, ташкилотҳое, ки кори онҳо бо фаъолияти хоҷагӣ дар соҳаи робитаҳои иқтисодиёти хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст, муттаҳид менамояд.

Мақсадҳои асосии ПСС Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмак дар рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ, якҷояшавии он ба системаи ҷаҳонии хоҷагидорӣ, ташаккули сохтори муосири муносибатҳои бозоргонӣ, фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои фаъолияти соҳибкорӣ, тавсеаи ҳамаҷонибаи робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва илмию техникӣ бо мамлакатҳои дигар мебошад.

## 7. Фаъолияти таълимӣ, таблиғотӣ ва ҳавасмандгардонӣ

35. Яке аз ҷанбаҳои муҳими рушди системаи миллии моликияти зеҳнӣ, фаъолияти таълимӣ, таблиғотӣ ва ҳавасмандгардонӣ ба ҳисоб меравад. Дониши нокифояи асосҳои назариявии ин соҳа рушди тамоми соҳаи моликияти зеҳниро суст менамояд. Бинобар ин, зарур аст, ки фаъолияти таълимдиҳӣ дар мактабҳои олӣ ва муассисаҳо вусъат дода шавад.

36. Дар Идораи патентӣ дар ин самт корҳои муайяне ба иҷро расонида шудааст. Кафедраи “Ҳифзи объектҳои моликияти саноатӣ” якчанд сол боз фаъолият дошта, саҳми худро дар таълими донишҷӯёни мактабҳои олии мамлакат гузошта истодааст. Ғайр аз ин, дар соли 2012 барои як қатор вазорату идораҳои дахдлор курсҳои кӯтоҳмуддат дар мавзӯи ҳифзи объектҳои моликияти саноатӣ ташкил карда шуд.

37. Бо мақсади такмили ихтисоси кормандони худ Идораи патентӣ як қатор чорабиниҳоро мегузаронад. Ҳамин тавр, тибқи созишномаи байниидоравӣ, коршиносони Идора ҳар сол дар Академияи давлатии моликияти зеҳнии Россия дар шаҳри Москва таҳсил мекунанд.

38. Дар Идора, ба масъалаи ҳавасмандгардонии ихтироъкорӣ, диққати ҷиддӣ дода мешавад. Ҳар ду сол дар байни ихтироъкорон озмуни ихтироъкори беҳтарини сол баргузор карда мешавад. Баъд аз баррасии натиҷаҳои озмун ғолибони озмун бо медали тиллоии СУМЗ, медали тилоии ба номи Блинникови ТПАО, медал ва ифтихорномаҳои Идораи Патентӣ мукофотонида мешаванд.

39. Бо мақсади тарғиб ва баланд бардоштани иттилоотнокӣ, Идораи патентӣ ҳар сол семинару конференсияҳоро оид ба ҳифзи ҳуқуқӣ ва ҳимояи объектҳои моликияти саноатӣ ва инчунин истифодабарии самараноки онҳо мегузаронад. Тарғиб инчунин тавассути воситаҳои ахбори омма гузаронида мешавад ва ҳоло низ самти мазкур ба рушд ва вусъати минбаъда эҳтиёҷ дорад.

40. Бо мақсади баланд бардоштани дониши ҳуқуқӣ оид ба соҳаи ҳуқуқи муаллиф ва пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ, мутахассисони соҳа ҳамасола дар шаҳру вилоятҳои ҷумҳурӣ чорабиниҳои гуногун мегузаронанд.

41. Вохӯриҳоро дар васоити ахбори омма, инчунин тавассути дарсҳои махсус оид ба соҳаи моликияти зеҳнӣ барои донишҷӯён дар донишкада ва донишгоҳҳои ҷумҳурӣ мегузаронанд.

## 8. Тиҷоратикунонии моликияти зеҳнӣ

42. Мутобиқи таҷрибаи байналмилалӣ ба тиҷоратикунонии моликияти зеҳнӣ ҷорӣ намудани дастовардҳои фаъолияти илмию техникӣ, дар шакли объектҳои моликияти зеҳнӣ, дар истеҳсолот ва ё хизматрасониҳо бо мақсади ба даст овардани даромад дохил мешавад.

43. Шаклҳои асосии тиҷоратикунонии натиҷаҳои моликияти зеҳнӣ аз инҳо иборат мебошад: ба имзо расонидани шартномаҳои литсензионӣ; франчайзинг; лизинг; инжиниринг; вогузории ҳуқуқ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ; ташкили истеҳсолоти муштарак; кооператсияи саноатӣ ва пешниҳоди технология дар доираи корхонаҳои муштарак; кӯмаки техникӣ.

44. Инчунин, бо мақсади ба даст овардани даромад ноу-хауро истифода мебаранд (натиҷаҳои патентнашудаи фаъолияти илмию техникӣ, ки бо низоми сирри тиҷоратӣ ҳифз карда мешаванд).

45. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузорӣ амалҳо вобаста ба вогузории ҳуқуқҳо ва додани ҳуқуқ ба истифодабарӣ ба объектҳои моликияти саноатӣ бояд дар Идораи патентӣ ба қайд гирифта шаванд.

Дар ҷадвали поён маълумот дар бораи бақайдгирии шартномаҳои литсензионӣ ва вогузории ҳуқуқҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

**Ҷадвали 4. Шартномаҳои литсензионӣ ва вогузории ҳуқуқҳо**

| Сол | Шартно-маҳои литсензионӣ | Аз номи аризадиҳандагони хориҷӣ | Аз номи аризадиҳандагони миллӣ | Шартнома-ҳои вогузории ҳуқуқ | Аз номи аризадиҳандагони хориҷӣ | Аз номи аризадиҳандагони миллӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1995 | - | - | - | 8 | 8 | - |
| 1996 | 1 | 1 | - | 18 | 18 | - |
| 1997 | - | - | - | 96 | 96 | - |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1998 | - | - | - | 50 | 50 | - |
| 1999 | 6 | 6 | - | 217 | 217 | - |
| 2000 | 4 | 4 | - | 202 | 202 | - |
| 2001 | 4 | 4 | - | 103 | 103 | - |
| 2002 | 2 | 2 | - | 185 | 185 | - |
| 2003 | 3 | 3 | - | 78 | 78 | - |
| 2004 | 5 | 5 | - | 88 | 87 | 1 |
| 2005 | 7 | 7 | - | 230 | 229 | 1 |
| 2006 | 8 | 8 | - | 95 | 92 | 3 |
| 2007 | 2 | 1 | 1 | 108 | 95 | 13 |
| 2008 | 3 | 3 | - | 132 | 132 | - |
| 2009 | 5 | 5 | - | 185 | 163 | 22 |
| 2010 | 6 | 5 | 1 | 61 | 57 | 4 |
| 2011 | 6 | 6 | - | 138 | 134 | 4 |
| 2012 | 3 | 3 | - | 96 | 91 | 5 |
| 2013 | 8 | 7 | 1 | 79 | 78 | 1 |
| Ҳамагӣ | 73 | 70 | 3 | 2169 | 2115 | 54 |

46. Чӣ тавре, ки аз маълумоти боло бармеояд, аз соли 1995 то соли 2013 ҳамагӣ 73 шартномаҳои литсензионӣ ба қайд гирифта шуда, танҳо се адади онҳо ба аризадиҳандагони миллӣ дахл дошта, боқимонда 70 шартномаи дигари литсензионӣ ба аризадиҳандагони хориҷӣ дахл дорад. Ҳамчунин, аз соли 1995 то соли 2013, 2169 шартномаҳои вогузории ҳуқуқ ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 54 адад аз номи аризадиҳандагони миллӣ ва 2115 адад аз номи аризадиҳандагони хориҷӣ мебошад.

47. Мутаассифона, иттилоот оид ба истифодабарии моликияти зеҳнӣ дар фаъолияти корхонаҳои хурду миёна вуҷуд надорад.

48. Шумораи на он қадар зиёди ҳолатҳо мавҷуданд, ки ихтироот дар истеҳсолот истифода бурда мешаванд. Асосан ин дар соҳаи дорусозӣ ва кимиё ба чашм мерасад.

49. Ҳарчанд Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ (нархгузорӣ)» амал мекунад, вале айни замон дар ҷумҳурӣ бо сабаби набудани мутахассисон, баҳогузории касбии моликияти зеҳнӣ ба роҳ монда нашудааст.

**9. Таҳлили тарафҳои қавию заиф ва имконияту таҳдидҳо дар соҳаи моликияти зеҳнӣ (swot-анализ)**

| Омилҳо | Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
|---|---|---|
| | Қонунгузории ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ | Сатҳи пасти тиҷоратикунонӣ |
| | Иштироки фаъоли Тоҷикистон дар шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ | Набудани ҳамоҳангсозӣ байни вазорату идораҳо |
| | Фазо ва имконияти мусоид барои аризадиҳандагони | Сатҳи пасти ихтироъкорӣ |
| | Озмуни махсус оид ба тамғаи молӣ | Набудани механизми ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии ихтироъкорони ватанӣ |
| | | Нарасидани мутахассисон дар соҳаи моликияти зеҳнӣ |
| | | Сатҳи ғайриқаноатбахши донишу малакаи судяҳо ва дигар кормандони сохторҳои давлатии ба соҳаи моликияти зеҳнӣ дахлдошта |
| Омилҳои дохилӣ | | Дарки нокифояи ҷамъият оид ба соҳаи моликияти зеҳнӣ |

| | | |
|---|---|---|
| | | Аз ҷониби бахши хусусӣ надонистан ва нафаҳмидани нақш ва моҳияти тамғаи молӣ, моликияти саноатӣ |
| | | Номукамалии қонунгузорӣ вобаста ба номи фирмавӣ |
| | | Набудани низоми пешниҳоди электронии аризаҳо (e-filing) |
| | Имкониятҳо | Таҳдидҳо |
| | Узвият дар СУМЗ, СУС, ТПАО ва ШҲП | Паст гардидани сатҳи илму техника, рушди саноат ва аз даст додани натиҷаҳои фаъолияти илмию тадқиқотӣ |
| | Зиёд гардидани шумораи аризаҳо аз хориҷи кишвар бо дарназардошти ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС ва дигар созишномаҳо (Протоколҳои Мадрид, Гаага ва Сингапур) | Зиёд гардидани ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ (махсусан истифодаи ғайриқонунӣ ва қалбакии тамғаи молӣ) |
| | Иқтидори истифоданашудаи дохилӣ (тамғаҳои молӣ ва хизматрасонӣ, намунаи саноатӣ) | Аз даст додани бартарияти рақобатнокии ширкатҳои ватанӣ |
| Омилҳои берунӣ | Рушди саноати сабук ва соҳаи хизматрасонӣ | Паст гардидани сатҳи сармояи мустақим |
| | | Аз кор рафтани кормандони баландихтисос |

Чӣ тавре, ки аз таҳлили боло бармеояд, тарафҳои қавию заиф ва имконияту таҳдидҳои соҳа мавҷуданд.

Дар ҳолати истифодаи дурусти тарафҳои қавӣ ва имкониятҳо, ҳамзамон тарафҳои заиф ва таҳдидҳо бартараф карда мешаванд.

50. Баръакс, агар тарафҳои заиф бартараф нашаванд, пас таҳдидҳои зикрёфта амалӣ гардида, метавонанд ба рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ, инноватсия ва дар маҷмӯъ ба иқтисодиёти миллӣ таъсири манфӣ расонанд.

**Мисол:** Агар механизми ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии ихтироъкорони ватанӣ ба роҳ монда нашавад, ин ба паст шудани сатҳи илму техника оварда мерасонад. Ғайр аз ин, чунин ҳолат метавонад омили аз кор рафтани кормандони баландихтисос гардад.

Мисоли дигар: Агар бахши хусусӣ нақш ва моҳияти тамғаи молӣ ва намунаи саноатиро дар рушди фаъолияти худ дарк накунад, пас ширкатҳои ватанӣ метавонанд бартариятҳои рақобатпазириро аз даст диҳанд.

51. Ғайр аз ин, аз таҳлили мазкур хулоса баровардан мумкин аст, ки бахши хусусӣ алалхусус истеҳсолкунандагони ватанӣ аз узвияти Тоҷикистон дар СУС, Протоколҳои Мадрид ва Гаага истифода бурда, метавонад молҳои худро дар давлатҳои аъзои ташкилот ва созишномаҳои зикргардида, ки ба он мол содирот менамоянд ва ё мақсади содиротро доранд, бо таври осон ҳифз намоянд.

52. Аз тарафи дигар, узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СУС ва созишномаҳои номбаршуда барои аризадиҳандагони хориҷӣ низ шароити хуб фароҳам оварда ба афзудани шумораи аризаҳо ва дархостҳо оварда мерасонад. Чунин натиҷа аз як тараф обрӯи мамлакатро бардошта, аз тарафи дигар ба ҷалби сармоягузориҳо мусоидат менамояд.

## 10. Вазифаҳои асосии низоми рушди моликияти зеҳнӣ

### § 1 Таъсиси сохтор оид ба назорати татбиқи Стратегия ва мақоми иҷроияи он

53. Бо мақсади таъмини назорати самараноки татбиқи Стратегия, таъсис додани сохтори махсус (Шӯрои миллӣ) дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор таҳти роҳбарии муовини Сарвазир, инчунин бо иштироки намояндагони бахшҳои хусусӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятии манфиатдор ба нақша гирифта мешавад.

54. Айни замон, мақоме, ки қисми вазифаҳоро дар ин самт иҷро мекунад, вуҷуд дорад. Ин мақом Комиссияи ҳукуматӣ оид ба ҳамоҳангсозии фаъолият дар мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ мебошад.

55. Вазифаҳои дар Стратегияи мазкур дарҷгарида, бинобар хусусияти хос, ки берун аз ваколатҳои Комиссия мебароянд, талаб менамояд, ки мақоми Комиссияи мазкур, вазифа ва ваколатҳои он тағйир дода шаванд. Яъне, чуноне, ки аз номи мақомот бармеояд, Комиссия танҳо бо масъалаҳои мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо дар ин соҳа машғул аст, ҳол он, ки вазифаи Стратегия ин рушди системаи моликияти зеҳнӣ ва ҳамгироии он ба иқтисодиёт мебошад.

56. Вазифаи Шӯрои миллӣ, ҳамчун мақоми олӣ оид ба назорати татбиқи вазифаҳои Стратегия ин тасдиқи нақшаи кории ягона, мониторинг ва баҳодиҳии натиҷаҳои бадастомада ва пешниҳоди ҳисоботи ҳарсола ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

57. Бо мақсади ҳалли масъалаҳои Стратегия, Шӯрои миллӣ метавонад барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои барномаҳои давлатии мақсаднокро оид ба самтҳои муҳим пешниҳод намояд.

58. Баъд аз таъсиси Шӯрои миллӣ, вазифа ва ваколатҳои Комиссияи зикргардида ба Шӯро вогузор мегардад. Ғайр аз ин, бояд мақоми иҷроия таъсис дода шавад, ки дар назди Шӯро ҳисоботдиҳанда аст.

59. Вазифаи мақоми иҷроия, ин ҷамъоварӣ ва таҳлили нақшаҳои корӣ ва ҳисоботҳо оид ба корҳои иҷронамудаи вазорату идораҳои дахлдор мебошад. Дар асоси ин, мақоми иҷроия ба Шӯрои миллӣ ҳисобот ва тавсияҳоро пешниҳод менамояд.

## 11. Такмили қонунгузорӣ

60. Қонунгузории амалкунандаи соҳаи моликияти зеҳнӣ ба такмилдиҳӣ эҳтиёҷ дорад. Такмили қонунгузорӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ, бояд барои фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ барои рушди иқтисодиёт, таъмини ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва дигар дорандагони ҳуқуқ, рушди инфрасохтори ин соҳа равона карда шавад.

61. Бинобар ин, мувофиқи мақсад аст, ки дар доираи татбиқи Стратегия қонунгузорӣ таҳлил карда шавад ва дар мавриди зарурӣ ба он тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шавад.

62. Дар рушди минбаъдаи қонунгузорӣ бояд мушкилоти мавҷудаи соҳа ба назар гирифта шаванд ва он дар асоси стандартҳои байналмилалию ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ, тадқиқотҳои илмӣ ва таҳлили ҳаматарафаи таҷрибаҳо замина гирад. Самтҳои асосии такмили қонунгузорӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ инҳо мебошанд:

-ҳамоҳангсозии минбаъдаи қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муқаррароти Созишнома оид ба ҷанбаҳои тиҷоратии ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ (ТРИПС),

- қабули меъёрҳои ҳуқуқӣ бо мақсади татбиқи муқаррароти Шартнома оид ба қонунҳо дар бораи тамғаҳои молӣ (TLT), Шартнома дар бораи ҳуқуқҳои патентӣ (PLT);

- таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии номи фирмавӣ”;

- таҳлили зарурати таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи намояндагони патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон”;

- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ихтироъ”;
- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ”;
- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ”;
- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи намунаҳои саноатӣ”;
- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқии топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ»;
- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гражданӣ, Кодекси гумрук, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ;
- омӯзиши мақсаднoки қонунӣ ба доираи объектҳои моликияти зеҳнӣ дохил кардани категорияҳои нав (захираҳои генетикӣ, донишҳои анъанавӣ, ифодаҳои анъанавии фарҳанг).

63. Вобаста ба зарурати таҳияи ***Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии номи фирмавӣ”*** бояд зикр намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Конвенсияи Париж «Оид ба ҳифзи моликияти саноатӣ» ба ҳисоб меравад, ки Конвенсияи мазкур дар баробари дигар объектҳои моликияти саноатӣ “номи фирмавӣ”-ро низ ба танзим медарорад.

64. Мутобиқи моддаи 8 Конвенсияи Париж «Оид ба ҳифзи моликияти саноатӣ» номи фирмавӣ дар ҳамаи давлатҳои аъзо бе пешниҳоди ҳатмии ариза ё бақайдгирӣ ва бевосита аз он ки қисми тамғаи молӣ мебошад ё не, ҳифз карда мешавад.

65. Дар баробари ин, номи фирмавӣ тибқи қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз объектҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ муқаррар карда шудааст.

66. Инчунин, мутобиқи моддаи 51 Кодекси мазкур шахси ҳуқуқӣ, бояд мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ба қайди давлатӣ гирифта шавад. Маълумот дар бораи бақайдгирии давлатӣ, ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дохил карда мешавад, ки барои шиносоии умум дастрас мебошад.

67. Мутобиқи қисми 4 моддаи 55 қисми якуми Кодекси мазкур, шахси ҳуқуқие, ки ташкилоти тиҷоратӣ мебошад, бояд номи фирмавӣ дошта бошад.

68. Аммо дар моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» чунин омадааст: “Феҳристи ягонаи давлатӣ маълумотро дар бораи шахси ҳуқуқӣ дар бар мегирад, аз он ҷумла: номи пурраи фирмавии (дар ҳолати мавҷуд будан, инчунин номи кӯтоҳи) шахси ҳуқуқӣ бо забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”.

69. Яъне, аз муқарраротҳи моддаи мазкур бармеояд, ки ҳама гуна шахсони ҳуқуқӣ новобаста аз он ки ба фаъолияти тиҷоратӣ ва ё ғайритиҷоратӣ машғул мебошанд, бояд номи фирмавӣ дошта бошанд.

70. Бояд қайд кард, ки номи фирмавӣ дар дигар кишварҳои ИДМ ба ғайр аз Кодекси гражданӣ инчунин дар асоси Қонуни алоҳида низ ба танзим даровaрда мешавад.

Масалан, дар Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Арманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон Қонун “Дар бораи номи фирмавӣ” қабул карда шудааст, ки Қонуни мазкур пурра муносибатҳои бақайдгирии давлатӣ, ҳимояи ҳуқуқӣ ва истифодабарии номи фирмавиро ба танзим медарорад.

71. Ҳамзамон, мутобиқи Қонунҳои дахлдори ҷумҳуриҳои мазкур номи фирмавӣ набояд ишораҳо ва ё худ аломатҳоеро, ки бо тамғаҳои молӣ (тамғаҳои хизматрасонӣ), ки пештар ба қайди давлатӣ гирифта шудааст ва ё арзиза барои бақайдгирӣ ба номи дигар шахс супорида шудааст, ҳамзамон бе бақайдгирӣ тибқи шартномаҳои байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд, инчунин бо тамғаҳои молие (тамғаҳои хизматрасоние), ки тибқи тартиби муқарраргардида маъруф дониста шудаанд, дар бар гирад.

72. Яъне қонунгузорӣ бақайдгирии номҳои фирмавиеро, ки дорои ишора ва аломатҳои ба ҳам монанд ва ё то дараҷае омехта ва ҳамшабеҳ:
- ба тамғаҳои молӣ ва тамғаи хизматрасонии қаблан бақайдгирифташуда ва ё ба номи шахси дигари аризадиҳанда;
- ба тамғаҳои молӣ ва хизматрасонии бе бақайдгирӣ тибқи шартномаҳои байналмилалӣ ва тартиби муқарраргардида ҳифзи ҳуқуқӣ пайдо намуда ва маъруф эътирофшуда мебошанд, манъ намудааст.

73. Вале дар сурати, агар тамғаи молӣ пеш аз номи фирмавӣ ба қайд гирифта шуда бошад, пас чӣ бояд кард, қонунгузорӣ (қисми якум ва сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ») пурра муайян ва ба танзим надаровaрдааст.

Барои мисол моддаи 8 ва 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ” ин масъаларо пурра ба танзим даровардааст ва қонунгузории дигар давлатҳо низ дар ин ҷода мукаммал мебошад.

74. Мувофиқи мақсад аст, ки номҳои фирмавӣ бояд натанҳо такрор нашаванд, балки бояд то дараҷаи иштибоҳангез ба ҳамдигар шабеҳ надошта бошанд, зеро, агар ҳар ду ширкат моли якхеларо истеҳсол намоянд ва ё ба хизматрасонии монанд машғул бошанд, пас чунин ҳолат истеъмолкунандаро ба иштибоҳ андохта, ба бархурди манфиатҳои тиҷоратӣ оварда мерасонад.

75. Вобаста ба масъалаи зарурати таҳия намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи намояндагони патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, зикр бояд намуд, ки бо дарназардошти мурракаб ва нозук будани соҳаи моликияти саноатӣ дар тамоми давлатҳои ҷаҳон барои ҳифзи манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ алалхус хориҷи кишвар дар назди Идораи Патентӣ ҷиҳати бақайдгирии объектҳои моликияти саноатӣ намояндаҳои патентӣ фаъолият менамоянд.

76. Ҳамзамон, бояд тазаккур намуд, ки фаъолияти намояндаи патентӣ дар дигар кишварҳои ИДМ ба ғайр аз қонунҳои соҳавӣ инчунин дар асоси қонуни алоҳида низ ба танзим даровада мешавад.

Масалан, дар Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Арманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон Қонун “Дар бораи намояндаи патентӣ” қабул карда шудааст, ки Қонуни мазкур пурра муносибатҳои фаъолияти намояндаи патентиро ба танзим медарорад.

77. Вобаста ба зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи намунаҳои саноатӣ” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқии топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ» қайд кардан зарур аст, ки ин тағйирот ба техникаи ҳуқуқии қонунҳои мазкур дахл дошта, дар асоси моддаҳои 39 ва 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ҷиҳати ягонагии истилоҳот дар қонунгузории соҳаи моликияти саноатӣ равона шудаанд.

## 12. Рушди инфрасохтори моликияти зеҳнӣ ва самтҳои алоҳидаи он

78. Барои татбиқи вазифаҳои дар Стратегияи мазкур зикршуда инфрасохтори дар ин соҳа мавҷудбуда ба рушди минбаъда эҳтиёҷ дорад. Дар навбати аввал ин ба таъсиси марказҳои аз рӯи ҳаҷм ва фаъолият гуногуни моликияти зеҳнӣ дахл дорад.

79. Барои хизматрасониҳои машваратӣ ба аҳолӣ ва қабули аризаҳо ва дархостҳо барои бақайдгирии объектҳои моликияти саноатӣ, дар марказҳои вилоятҳо таъсиси марказҳо (бахшҳои Идораи патентӣ) зарур мебошад.

80. Бояд масъалаи кам намудани мӯҳлати баррасии аризаҳо барои бақайдгирии ихтироот, тамғаҳои молӣ ва дигар объектҳои моликияти саноатӣ ҳал карда шаванд. Барои пешгирии хароҷоти зиёд ва тезонидани суръати қабулу баррасии аризаҳо зарур аст, ки коргузории электронӣ ташкил карда шавад.

81. Ғайр аз ин рушди минбаъдаи институти намояндаҳои патентӣ, зиёд намудани шумораи онҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассусии онҳо, содда намудани расмиёти гирифтани мақоми намояндаи патентӣ, зарур аст.

82. Дар соҳаи дастгирии фаъолияти эҷодӣ ва ихтироъкорӣ, таҳияи чораҳои ҳуқуқӣ ва маъмурӣ оид ба ҳавасмандгардонии фаъолияти илмию тадқиқотӣ, ки ба эҷоди объектҳои моликияти зеҳнӣ, гирифтани ҳифзи ҳуқуқӣ ва тиҷоратикунонии минбаъдаи онҳо равона шудааст, заруранд.

83. Дар баробари ин ба нақшаи таълимии донишкадаҳо ва дигар муассисаҳои таълимоти олӣ ворид кардани курсҳои омӯзиши моликияти зеҳнӣ, коркарди стандартҳои мутобиқ барои факултаҳои гуногун, омода намудани китобҳои дарсӣ оид ба моликияти зеҳнӣ ва маводи таълимӣ ба забони тоҷикӣ, зарур аст.

84. Вазорати маориф ва илмро зарур аст, ки ҷиҳати татбиқи мақсадҳои Стратегия, барои ҷорӣ намудани фан ва ё курсҳои вобаста ба ҳифзи моликияти зеҳнӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ олӣ аз соли 2015 ва мактабҳои таҳсилоти миёна барои синфҳои болоӣ аз соли 2016 пешниҳодҳои мушаххас манзур намояд.

85. Дар соҳаи маориф дар самти моликияти зеҳнӣ, минбаъд мустаҳкам намудани инфрасохтори мавҷуда дар Идораи патентӣ, яъне васеъ намудани фаъолияти кафедраи байнидонишгоҳӣ оид ба моликияти саноатӣ барои афзоиши бештари шумораи мутахассисоне, ки аз ҷониби вазоратҳо, идораҳо ва ширкатҳои хусусӣ барои такмили ихтисос равона карда шудаанд, зарур аст.

86. Аз ҳисоби маблағҳои махсуси муассисаҳои илмию тадқиқотӣ, донишкадаҳо ва дигар муассисаҳои таълимоти олӣ ташкил намудани марказҳо-шӯъбаҳои моликияти зеҳнӣ, ки барои ёрии амалӣ расонидан ба тадқиқотчиён, донишҷӯён ва омӯзгорон дар омода намудани ҳуҷҷатҳо барои ба даст овардани ҳифзи ҳуқуқӣ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ, татбиқ ва тиҷоратикунонии онҳо пешбинӣ шудаанд, ташкил кардан зарур аст.

Масъалаҳои дастгирии соҳибкории хурду миёна диққати алоҳидаро талаб мекунад. Сохторҳои дахлдорро зарур аст, ки ҳамкориро бо Палатаи савдо ва саноат ва дигар иттиҳодияву ташкилотҳо бо мақсади иштироки онҳо дар татбиқи вазифаҳои Стратегия, фаъол намоянд.

87. Таҳияи тартиби нархгузории объектҳои моликияти зеҳнӣ ва дигар дороиҳои ғайримоддӣ, ба қонунгузорӣ дохил кардани қоидаи истифодаи дороиҳои ғайримоддӣ дар фаъолияти хоҷагидории иштирокчиёни бозор, дар навбати аввал нисбати амволи ба ташкилоту муассисаҳои давлатӣ тааллуқдошта, зарур мебошад. Дар баробари ин зарур аст, ки институти нархгузорони моликияти зеҳнӣ, омодасозӣ ва сертификатсиякунонии онҳо, ташкил карда шавад.

88. Зарур аст, ки дар заминаи яке аз муассисаҳои таҳсилоти олии пешрафтаи кишвар ҳаммонанди технопарк, барои муайян намудани коркардҳои рақобатпазир, татбиқ ва пешбурди онҳо дар бозор ташкил карда шавад.

89. Вазорати кишоварзиро якҷоя бо Академияи илмҳои кишоварзӣ зарур аст, ки корҳоро оид ба парвариши навъҳои нави растанӣ ва ҳифзи онҳо дар ҷумҳурӣ ва берун аз ҳудуди он амалӣ намоянд. Бо дарназардошти он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан мамлакати аграрӣ мебошад, ҳифзи дастовардҳои селексионӣ барои таъмини бехатарии озуқаворӣ нақши муҳимро мебозад.

90. Барои пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи моликияти зеҳнӣ, фароҳам овардани шароит барои истифодаи самаранок ва тиҷоратикунонии объектҳои моликияти зеҳнӣ аз ҷониби соҳибҳуқуқони миллии Тоҷикистон ва хориҷӣ, риояи ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар ин соҳа, доимо баланд бардоштани тахассуснокии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, гумрук ва прокуратура зарур мебошад.

91. Баланд бардоштани тахассуси судяҳоеро, ки парвандаҳои ба вайронкунии ҳуқуқҳои вобаста ба моликияти зеҳниро баррасӣ менамоянд, зарур мебошад.

92. Зарур аст, ки фаъолияти мақомоти дахлдор оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва рақобати бевиҷдонона дар соҳаи моликияти зеҳнӣ ҳамоҳанг ва пурзӯр гардонида шавад.

93. Бо дарназардошти нишондиҳандаҳои давлатҳои дар соҳаи мазкур пешрафта, ҳамкории байналмилалӣ дар ин самт нақши муҳимро мебозад, чунки барои ноил шудан ба стандартҳои ҷаҳонӣ роҳнамокунанда мебошад.

94. Омӯзиш ва азхудкунии таҷрибаи мусбии давлатҳое, ки дар соҳаи ҳифз ва ҳимояи моликияти зеҳнӣ ва тиҷоратикунонии он пешрафта мебошанд, зарур аст. Инчунин, ҳамкории дутарафа ва бисёртарафаро бояд инкишоф дод.

95. Ғайр аз вазифаҳои дар боло баёншуда, ҳамаи вазорату идораҳое, ки дар татбиқи Стратегия иштирок менамоянд бояд фаъолияти худро дар ин соҳа бо назардошти талаботи ҷумҳурӣ ва таҷрибаи давлатҳои пешрафта пурзӯр намоянд. Бинобар ин, вазорату идораҳоро зарур аст, ки пешниҳодҳои худро оид ба татбиқи Стратегия ҳамасола ба мақомоти ҳамоҳангсоз пешниҳод намоянд.

## 13. Дурнамои натиҷаҳои татбиқи Стратегия

96. Иҷрои вазифа ва мақсадҳои Стратегия дар маҷмӯъ, вазъи моликияти зеҳниро ба сатҳи нав бароварда, дастрасӣ, истифода ва ҳифзи ҳуқуқии моликияти зеҳниро сифатан беҳтар менамояд.

97. Ҳамчунин тибқи нақша бояд натиҷаҳои зерин ба даст оварда шаванд:

- Афзоиши шумораи аризаҳо ва дархостҳо вобаста ба бақайдгирии объектҳои моликияти саноатӣ ва беҳтар намудани сифати экспертиза;
- Ба вуҷуд омадани бозори моликияти зеҳнӣ, аз ҷумла болоравии сатҳи истифодаи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ дар истеҳсолот ва тиҷоратикунонии он;
- Паст шудани сатҳи қалбакикунӣ ва ҳолатҳои рақобати бевиҷдонона;
- Афзоиши шумораи мутахассисони варзида дар соҳаи моликияти зеҳнӣ;
- Кам намудани мӯҳлати баррасии аризаҳо ва дархостҳо вобаста ба бақайдгирӣ ва ҳифзи объектҳои моликияти зеҳнӣ;
- Болоравии рақобатпазирии корхонаҳои хурду миёна;
- Истифодаи васеи низоми байналмилалии бақайдгирии объектҳои моликияти саноатӣ барои баромадан ба бозори ҷаҳонӣ;
- Гузариш ба ҳуҷҷатгузории электронӣ ҳангоми бақайдгирӣ ва ҳифзи объектҳои моликияти зеҳнӣ.

## 14. Марҳилаҳои татбиқи Стратегия

98. Стратегия дар се марҳила дар асоси нақшаи умумии чорабиниҳо, ки қисми ҷудонашавандаи Стратегия мебошад ва нақшаҳои барои ҳар як давра аз тарафи мақомоти масъул оид ба назорат аз рӯи татбиқи Стратегия омодашуда ба роҳ монда мешавад: давраи аввал солҳои 2014-2016, давраи дуюм солҳои 2017-2019 ва давраи сеюм солҳои 2019-2020 дар бар мегирад.

99. Ба марҳилаҳо тақсим намудани Стратегия, барои муайян намудани вазифаҳои кӯтоҳмӯҳлат, миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат, ҷиҳати ноил гардидан ба мақсад ва натиҷаҳои ниҳоии Стратегия мусоидат менамояд.

100. Марҳилаи якум (мақсадҳои кӯтоҳмӯҳлат ва миёнамӯҳлат), бештар ба муаррифӣ, фаҳмондадиҳии вазифа ва мақсадҳои Стратегияи мазкур ба доираи васеи ҷомеа, такмил ва рушди конунгузорӣ ва ба вуҷуд овардани механизмҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти ихтироъкорӣ, тиҷоратикунонии объектҳои моликияти зеҳнӣ, такмили инфрасохтори моликияти зеҳнӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ ва давра ба давра дохилкунии фанҳо доир ба моликияти зеҳнӣ ба барномаҳои мактабҳои олӣ ва миёна бахшида мешавад.

101. Марҳилаи дуюм (мақсадҳои дарозмӯҳлат) барои рушди заминаи институтсионалӣ, ҷорӣ намудани коргузории электронӣ, таъсиси технопарк ва марказҳои инноватсионӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти ихтироъкорӣ дар муассисаҳои илмию тадқиқотӣ, истифодаи моликияти зеҳнӣ ва усулу маҳсулоти инноватсионӣ дар корхонаҳои хурду миёна равона карда мешавад.

102. Дар ҷараёни марҳилаи сеюм, ҷамъбасти натиҷаҳои марҳилаҳои якум ва дуюм, таҳлили монеаҳо ва баҳодиҳии натиҷаҳои бадастовардашуда гузаронида шуда, дар ин замина ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд.

## 15. Мониторинг ва баҳогузории раванди татбиқи Стратегия

103. Мониторинги татбиқи Стратегия аз тарафи мақоми масъул - Шӯрои миллӣ дар асоси ҳисобот ва тавсияҳои мақоми иҷроияи Стратегия гузаронида мешавад.

104. Мақсад аз мониторинги Стратегия, саривақт дарк ва эътино додан ба монеа ва зуҳуроти ғайричашмдошт мебошад, ки онҳо ҳангоми таҳияи Стратегия ба назар гирифта нашуданд.

105. Дар ҷараёни татбиқи Стратегия, вазорату идораҳои дахлдор, дар охири ҳар сол ҳисоботи ҷамъбастӣ ва нақшаи кории худро барои соли оянда ба мақоми иҷроияи Шӯрои миллӣ пешниҳод менамоянд.

106. Натиҷаҳои бадастовардашуда, таҳлил ва баҳогузорӣ гардида, дар заминаи он чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

107. Иттилоот оид ба рафти татбиқи Стратегия ва ҳисоботи солона дар сомонаи Идораи патентӣ ҷойгир карда мешавад.

108. Шӯрои миллӣ ҳарсола ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба татбиқи Стратегия ҳисоботи муфассал пешниҳод менамояд.

109. Баҳодиҳии натиҷаҳои Стратегия дар ду сол як маротиба ба таври васеъ бо иштироки намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, муассисаҳои илмию тадқиқотӣ, бахши хусусӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ гузаронида мешавад.

110. Маблағгузории Стратегия барои идораҳои буҷетӣ дар доираи маблағҳои харочотии тасдиқшуда, барои ташкилоту муассисаҳои худмаблағгузор аз ҳисоби маблағҳои худӣ пешбинӣ карда мешавад.

111. Барои татбиқи мақсадҳои Стратегия, ҳангоми зарурат, ҷалби грантҳо, фондҳо ва дигар манбаъҳое, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда нашудаанд, мумкин аст.

**Замима ба Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014 -2020**

## НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲО ОИД БА ИҶРОИ ВАЗИФАҲОИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ РУШДИ МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2014-2020

| № | Чорабиниҳо | Масъулон | Мӯҳлати иҷро | Натиҷаҳои пешбинишаванда | Сарчашмаҳои маблағгузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| **1.Таъсиси Шӯро ва мақоми иҷроия** | | | | | |
| 1.1 | Таҳияи санадҳои дахлдор оид ба таъсис ва фаъолияти Шӯрои миллӣ ва мақоми иҷроияи он | Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати фарҳанг, Вазорати кишоварзӣ | Дар давоми соли 2014 | Ташкили Шӯро оид ба назорат ва ҳамоҳангсозии иҷрои Стратегия | Маблағгузориро талаб намекунад |
| **2. Мониторинги қонунгузорӣ, маориф, ташвиқот ва рушди инфрасохтор** | | | | | |
| 2.1 | Таҳлили ҳамаҷонибаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалии соҳаи моликияти зеҳнӣ ва таҳияи тавсияҳо оид ба ҳамгироӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ | Мақомоти ваколатдор дар соҳаи моликияти зеҳнӣ, Вазорати адлия, Вазорати корҳои дохилӣ, Шӯрои адлия, Хадамоти гумрук, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра | с.2014-2015 | Таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ ва татбиқи ҳуқуқӣ | Маблағҳои худии идораҳо ва грантҳо |
| 2.2 | Ташкили механизми ҳавасмандкунӣ ва тиҷоратикунонии моликияти зеҳнӣ, тарғиб ва баланд бардоштани иттилоотнокии ҷомеа | Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати фарҳанг, Вазорати кишоварзӣ ва дигар мақомоти дахлдор | Дар тамоми марҳилаҳои татбиқи Стратегия | Баланд шудани мақоми моликияти зеҳнӣ дар ҷомеа ва сатҳи истифодабарии моликияти зеҳнӣ дар иқтисодиёт | Маблағҳои худии идораҳо ва грантҳо |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 2.3 | Такмили инфрасохтори моликияти зеҳнӣ (таҷҳизоти техникӣ, автоматикунонии раванди коргузорӣ, сомонаҳо, маъхазҳо ва ғайра) | Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати фарҳанг, Вазорати кишоварзӣ ва дигар мақомоти дахлдор | 2015-2017 | Содда гардонидани раванди коргузорӣ, расмиёти бақайдгирӣ ва дастрасии итти-лоот | Маблағҳои худии идораҳо ва грантҳо |
| 2.4. | Пешбурди омӯзиши асосҳои моликияти зеҳнӣ ба хонандагони синфҳои болоӣ, донишҷӯёни донишгоҳҳои олӣ, инчунин ташкили курсҳои омӯзишӣ ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти судӣ ва дигар мақомоти манфиатдор | Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати фарҳанг, Вазорати кишоварзӣ, Вазорати маориф ва илм, Вазорати адлия, Шӯрои адлия ва Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Аз с. 2015 оғоз намуда | Баланд бардоштани сатҳи дониш, фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ ва дараҷаи ихтисоси кормандони мақомоти давлатӣ | Маблағҳои худии идораҳо ва грантҳо |
| **3. Рушди сохтори институтсионалии моликияти зеҳнӣ, ҳифзи ҳуқуқӣ, истифодабарӣ ва тиҷоратикунонӣ** | | | | | |
| 3.1 | Такмили фаъолияти вазоратҳо ва идораҳое, ки дар татбиқи Стратегия масъуланд | Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати фарҳанг, Вазорати кишоварзӣ ва дигар мақомоти дахлдор | с.2014-2015 | Таҳким ва рушди системаи моликияти зеҳнӣ | Маблағҳои худии идораҳо ва грантҳо |
| 3.2 | Рушди системаи нархгузории моликияти зеҳнӣ ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба истифодабарии объектҳои моликияти зеҳнӣ дар гардиши хоҷагӣ | Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати фарҳанг, Вазорати кишоварзӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва ғайра | с.2014-2016 | Таъсиси институти нархгузории моликияти зеҳнӣ ва истифодабарии объектҳои моликияти зеҳнӣ ва гардиши хоҷагӣ | Маблағҳои худии идораҳо ва грантҳо |
| 3.3 | Ташкили технопарк ва ё марказҳои махсуси хизматрасонӣ оид ба тиҷоратикунонии моликияти зеҳнӣ | Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати фарҳанг, Вазорати кишоварзӣ, Вазорати маориф ва илм, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Академияи илмҳо ва дигар мақомоти дахлдор | с. 2016-2019 | Рушди самти тиҷоратикунонии моликияти зеҳнӣ | Маблағҳои худии идораҳо ва грантҳо |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 3.4 | Ҳамкорӣ ва дастгирии ташкилотҳои илмӣ ва асотсиатсияҳои соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷоратикунонӣ, маркетинги моликияти зеҳнӣ, менеҷменти инноватсионӣ ва трансфери технологияҳо | Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати кишоварзӣ, Вазорати фарҳанг, Академияи илмҳо ва дигар мақомоти дахлдор | Дар тамоми марҳилаҳои татбиқи Стратегия | Баланд бардоштани иттилоотнокии соҳибҳуқуқони моликияти зеҳнӣ, ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва ташкилотҳои илмӣ бо мақсади истифода намудани натиҷаи амалии тадқиқотҳои илмӣ | Маблағҳои худии идораҳо ва грантҳо |
| 3.5 | Андешидани чораҳои махсус оид ба баланд бардоштани самаранокии мубориза ба муқобили молҳои қалбакӣ, қочоқ ва ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ | Вазорати корҳои дохила, Шӯрои адлия, Хадамоти гумрук, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти ваколатдор дар соҳаи моликияти зеҳнӣ | Дар тамоми марҳилаҳои татбиқи Стратегия | Ҳимояи самарабахши ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ, паст намудани сатҳи гардиши маҳсулоти қочоқ | Қисман маблағгузории давлатӣ, инчунин маблағҳои худии идораҳо ва грантҳо |